# Раҳоӣ



COMIC BIBLE SOCIETY

Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2022

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ОНҲО РАВОНА ШУДАНД, ТО ДАМЕ КИ БА КӮҲҲО ДАР РӮ БА РӮИ БАҲРИ СУРХ РАСИДАНД. ОНҲО ДАР ОН ҶО ХАЙМА ЗАДАНД ВА ДАР БОРАИ ОН БАҲС МЕКАРДАНД, КИ ЧӢ ТАВР АЗ ИН ОБИ БЕКАНОР ГУЗАШТА РАВАНД.
ПАС АЗ ОН КИ ФИРЪАВН БАРОИ ПИСАРИ ХУД МОТАМ ГИРИФТ, ХАШМИ Ӯ АЗ ҲАРВАҚТА БЕШТАР АЛАНГА ГИРИФТ. ЧАРО Ӯ БА ҒУЛОМОНАШ ИҶОЗАТИ РАФТАН ДОД?
АРОБАҲОРО ТАЙЁР КУНЕД. ИБРИЁНРО ТАЪҚИБ НАМОЕД. ОНҲОРО БАРГАРДОНЕД Ё ҲАМААШОНРО КУШЕД.
ҲАМААШ МУВОФИҚИ ГУФТАИ ШУМО МЕШАВАД, ҲАЗРАТАМ.

ХУРУҶ 14:5-7



ЧУН МИСРИЁН ҲОЛАТИ НОИЛОҶИ ИБРИЁНРО ДИДАНД ВА БА ЁД ОВАРДАНД, КИ МУСО БАР МИСР ЧӢ АЗОБҲОРО ОВАРД, ОНҲО БА КУШТАН ТАЙЁР БУДАНД.
НИГАРЕД, ЛАШКАРИ МИСРИЁН ОМАДА ИСТОДААСТ! МО ДАР ИН БИЁБОН БА ДОМ АФТОДЕМ!
МУСО МОРО БА ИН ҶО БАРОИ ОН ОВАРД, КИ БИМИРЕМ. ЧУН ҒУЛОМ ЗИСТАН БЕҲТАР АЗ ОН БУД, КИ ДАР ИН МАКОНИ ХАРОБА БИМИРЕМ.
ДАР ДУ ТАРАФ КӮҲҲО ВА ДАР ПЕШ ОБ АСТ. МО БА ДОМ АФТОДАЕМ.
ХУДО БАРОИ НАҶОТ ДОДАНИ МО ҲЕҶ КОР КАРДА НАМЕТАВОНАД.
ДАР ҶОЯТОН БИИСТЕД. ХУДО МОРО БО ТАРЗИ ТАВОНО НАҶОТ МЕДИҲАД.
ХУДО ДИЛИ ФИРЪАВНРО БОЗ ЯК БОР САХТ КАРД. ПАС АЗ ИН РӮЗ ШУМО ЛАШКАРИ МИСРИЁНРО ДИГАР НАМЕБИНЕД.




ХУРУҶ 14:5-13


ЛАШКАРИ МИСРИЁН ҲАМРОҲИ 600 АРОБАИ БАРГУЗИДАИ ФИРЪАВН ВА ҲАМАИ АРОБАҲОИ ДИГАР ИБРИЁНРО ТАЪҚИБ НАМУДАНД, ТО БАРОИ БАЛОҲО ВА ХАРОБИҲОЕ КИ БАР МИСР ОМАДА БУДАНД, ҚАСОС ГИРАНД, ЯЪНЕ ҲАМАИ ИБРИЁНРО КУШАНД.


ОЁ ДАР МИСР ҚАБРҲО НАБУДАНД, КИ МОРО ОВАРДӢ, ТО ДАР ИН БИЁБОН МУРЕМ?
МО БА ТУ ГУФТА БУДЕМ – МОРО МОН, ТО КИ БАРОИ МИСРИЁН МЕҲНАТ КУНЕМ!
ИН АЗ ЗАРБАИ ШАМШЕР БЕҲТАР АСТ!
УСТУВОР БИИСТЕД ВА ХАЛОСИРО АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР БИНЕД.









ХУРУҶ 14:15, 19-20







ХУРУҶ 14: 16-20


МАН ҶАЛОЛИ ХУДРО БА ВОСИТАИ ФИРЪАВН ВА ЛАШКАРАШ ЗОҲИР МЕНАМОЯМ ... ВА МИСРИЁН ХОҲАНД ДОНИСТ, КИ МАН ПАРВАРДИГОР ҲАСТАМ.




ИН АЗ ҲАМАИ ОН ЧИ ДАР МИСР ДИДА БУДЕМ, БУЗУРГТАР АСТ.
ОҲО, ХУДОИ МО ХУДОИ БЕҲТАРИН АСТ! МО ДАР МИЁНАИ БАҲР ҲАСТЕМ.
ЙЎШИЕ!
МАГАР ДЕВОНА ШУДАЙ? АЗ ОН ҶО ДУР ШАВ! ОХИР, ТУ ШИНОВАРӢ КАРДА НАМЕТАВОНӢ-КУ!
МАН ФАҚАТ МЕХОҲАМ БА ОН МОҲИИ ЗЕБО ДАСТ РАСОНАМ.
БА ПЕШ, ИБРИЁНРО КУШЕД!
ҲАНГОМЕ КИ ИБРИЁН ҚАРИБ ГУЗАШТА БУДАНД, ХУДО ДЕВОРИ ОТАШРО, КИ МИСРИЁНРО БОЗМЕДОШТ, ДУР КАРД. МИСРИЁН ҚИСМИ БАҲРРО НАМЕДИДАНД, ВА АЗ ПАЙИ ИБРИЁН ШИТОФТАНД.
ХУРУҶ 14:22-23


ИМРӮЗ ШУМО ҚУДРАТИ ЯҲУВАРО ХОҲЕД ДИД.
НИГАРЕД, ОБ БАРГАШТА ИСТОДААСТ.
ҲАМАИ ОНҲО ҒАРҚ МЕШАВАНД.


ҲАМАИ САРБОЗОНИ МИСРӢ ДАР БАҲР ҒАРҚ ШУДАНД. ХУДОЁНИ ЧӮБИН ВА САНГИНАШОН ОНҲОРО НАҶОТ ДОДА НАТАВОНИСТАНД.
ХУРУҶ 14:27-28






ХУРУҶ 15: 20-25, 16:1-4


НОН АЗ ОСМОН, АЙНАН ҲАМОН ТАВРЕ КИ Ӯ ГУФТ.
ПАС ЧАРО МО ШУБҲА МЕКУНЕМ?
ОҲО, ОН БОМАЗА АСТ! ОН МАЗАИ АСАЛРО ДОРАД.
ДАР ТАМОМИ МУДДАТЕ КИ ОНҲО ДАР БИЁБОН БУДАНД, ХУДО БА ОНҲО ҒИЗОИ ОСМОНИИ ФАРИШТАҲОРО МЕДОД.
ДАР ОН МУДДАТЕ КИ АБР БАР УРДУГОҲ БУД, ИБРИЁН ДАР НАЗДИ ЧАШМАҲОИ ОБ МЕИСТОДАНД ВА АЗ НОНИ ОСМОНӢ МЕХӮРДАНД, АММО ҲАНГОМЕ КИ АБР БА ҲАРАКАТ МЕОМАД, ОНҲО ХАЙМАҲОИ ХУДРО ҒУНДОШТА, АЗ ПАЙИ ОН ДАР БИЁБОНИ НОШИНОС САФАР МЕКАРДАНД.
АММО ЗАМОНЕ РАСИД, КИ ОБ ТАМОМ ШУД.
ОЁ ХУДО БО МОСТ Ё НЕ?
МАН РАФТА, БО ЯҲУВА ГАП МЕЗАНАМ.
ХУРУҶ 16:14-15, 17:2-4; PSALM 78:24-25


КӮҲПОРАРО ДАР ҲӮРИБ БО АСОЯТ ЗАН. АЗ ОН БАРОИ ХАЛҚ ОБ МЕБАРОЯД.
БИЁЕД ВА ҚУДРАТИ ЯҲУВАРО БИНЕД. ШУМО БА Ӯ БОВАР НАМЕКУНЕД. ШУМО ҒУР-ҒУР ВА ШИКОЯТ МЕКУНЕД. Ӯ БА ШУМО НОН ДОД, ВА АКНУН Ӯ БА ШУМО АЗ ИН САХРАИ БЕСАМАР ОБ МЕДИҲАД.
ЗАРБАИ САХТ!
ВАҲ!
МУСО ОН МАКОНРО МАССО ("ОЗМОИШ") ВА МЕРИБО ("КАШМАКАШ") НОМИД, ЗЕРО ИСРОИЛИЁН ҶАНҶОЛ КАРДАНД ВА ОНҲО ПАРВАРДИГОРРО БО ИН СУХАНОН ОЗМУДАНД: "ОЁ ПАРВАРДИГОР ДАР МИЁНИ МО ҲАСТ, Ё НЕ?"
ХУРУҶ 17:5-7


ОБ ЧУН ДАРЁ ҶОРӢ ШУД.
АММО ОБ ЯГОНА МУШКИЛИИ ОНҲО НАБУД ...
НИГОҲ КУН – ДАР ОН ҶО ДАР БИЁБОН.
АМОЛЕҚИЁН...
КАСЕ ДАВИДА БА МУСО ХАБАР ДОД.
ОНҲО ФИКР МЕКУНАНД, КИ МОРО ДАР ИН ҶО БА ДОМ АФТОНДААНД.
ЕҲУШАЪ, БЕҲТАРИН МАРДОНРО БАРОИ ҶАНГИДАН ИНТИХОБ НАМО.
ПАГОҲ МАН БАР БОЛОИ ТЕППА МЕИСТАМ, ВА АСОИ ХУДО ДАР ДАСТАМ МЕШАВАД.

ХУРУҶ 17:8-9






ХУРУҶ 17:10-11




ХУРУҶ 17:12-13


МУСО ПЕШТАР, ҲАНГОМИ МУБОРИЗА БО ФИРЪАВН, ЗАНАШРО БО ДУ ПИСАРАШ НАЗДИ ПАДАРАРӮСАШ ФИРИСТОДА БУД, АММО АКНУН ОНҲО БАРГАШТАНД.
ПАДАР!
НИҲОЯТ, ОИЛААМ БО МАН АСТ.
ТУ БА МАН ОН ЧИРО БАРГАРДОНДӢ, КИ АЗ ГАНҶҲОИ МИСР АРЗИШНОКТАР АСТ.
МУСО АЗ БОЗГАШТАНИ ОИЛААШ ХУРСАНДӢ МЕКАРД ВА Ӯ БА ПАДАРАРӮСАШ ДАР БОРАИ ОН ЧИ ХУДО БАРОИ АЗ ДАСТИ МИСРИЁН ХАЛОСӢ ДОДАНИ ОНҲО КАРД, НАҚЛ НАМУД.
АКНУН МАН ДОНИСТАМ, КИ ПАРВАРДИГОР АЗ ҲАМАИ ХУДОЁН БУЗУРГТАР АСТ, ЗЕРО Ӯ БО КАСОНЕ КИ БА ХАЛҚИ ХУДО МУНОСИБАТИ БАД МЕКАРДАНД, ЧУНИН КАРД.



РӮЗИ ДИГАР МУСО БА ДОВАРӢ НИШАСТ, ТО БАҲСҲО ВА ДАЪВОҲОИ ҚАВМРО ҲАЛ НАМОЯД.
ЧАРО ТУ ИН КОРРО БАРОИ ҚАВМ МЕКУНӢ?
МАРДУМ ДАР ҶУСТУҶӮИ ХОСТИ ХУДО НАЗДИ МАН МЕОЯНД.
ОН ЧИ ТУ МЕКУНӢ, ТУРО ТАМОМАН ХАСТА МЕКУНАД – ХУДАТ ТАНҲО ҲАМАИ ИНРО БА ҶО ОВАРДА НАМЕТАВОНӢ.
ТУ БА ҲУЗУРИ ХУДО НАМОЯНДАИ ҚАВМ БОШ,
ВА ҚОИДАҲОВУ ДАСТУРҲОИ ӮРО ВА ТАРЗИ ДУРУСТИ ЗИНДАГИРО БА ОНҲО ФАҲМОН.
МАРДОНИ ХУДОТАРСРО ТАЪЙИН НАМО, ТО ДОВАРӢ НАМОЯНД, АММО МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМРО НАЗДИ ТУ ОВАРАНД.
ОН ГОҲ БОРИ ТУ САБУК МЕШАВАД ВА МАРДУМ БО ХУШНУДӢ БА ХОНАҲОЯШОН МЕРАВАНД ВА...
...ВА ТУ БАРОИ ДУХТАРИ МАН ВА БА НАБЕРАҲОЯМ ВАҚТИ БЕШТАРРО САРФ КАРДА МЕТАВОНӢ.






ХУРУЧ 18:24-27; 19:1-6,9


СЕ МОҲ ПАС ОН КИ ИСРОИЛИЁН МИСРРО ТАРК КАРДАНД, ОНҲО БА БИЁБОНИ СИНО ДОХИЛ ШУДАНД.
ВА ИСРОИЛИЁН ДАР БИЁБОН ДАР РӮ БА РӮИ КӮҲ ХАЙМА ЗАДАНД.


БАЪД МУСО СӮИ ХУДО БАРОМАД, ВА ПАРВАРДИГОР АЗ КӮҲ ӮРО ДАЪВАТ НАМУД.
ШУМО ДИДЕД, КИ МАН БА МИСРИЁН ЧӢ КАРДАМ, ВА ШУМОРО БАР БОЛҲОИ УҚОБОН БАРДОШТАМ, ВА ШУМОРО НАЗДИ ХУД ОВАРДАМ.
ҲОЛО, АГАР ШУМО БА МАН ИТОАТ НАМОЕД, ВА АҲДИ МАРО РИОЯ КУНЕД, ШУМО АЗ МИЁНИ ҲАМАИ ҚАВМҲО ГАНҶИ МАХСУСИ МАН МЕШАВЕД.

ХУРУҶ 19:1-5


МУСО АЗ КӮҲ ПОЁН ФАРОМАДА, ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ХУДО БА Ӯ ГУФТА БУД, БА ХАЛҚ РАСОНД.
МО ИТОАТ МЕКУНЕМ. МО ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ХУДО МЕГӮЯД, БА ҶО МЕОВАРЕМ.
ПАС БИРАВЕД, ЛИБОСҲО ВА БАДАНҲОИ ХУДРО ШӮЕД; ХУДРО БА ПАРАСТИШИ ХУДО ТАЙЁР КУНЕД. ДАР РӮЗИ СЕЮМ ХУДО БА БОЗДИДИ ШУМО МЕОЯД.
ЧУНОН КИ ХУДО ФАРМУД, ДАР РӮЗИ СЕЮМ ТАМОМИ МАРДУМ ДАР НАЗДИ КӮҲ ҶАМЪ ОМАДА, ИНТИЗОРИ ОН ШУДАНД, КИ ХУДО БА ОНҲО ЧӢ МЕГӮЯД. ДУДИ АҶИБЕ КӮҲРО ФАРО ГИРИФТ ВА БАЪД ...
МУСО, БА КӮҲ БАРО.
МУСО, МАН ЯҲУВА ХУДО ҲАСТАМ, КИ ТУРО АЗ ЗАМИНИ МИСР БЕРУН ОВАРДАМ. ҲАНГОМЕ КИ БА ПОЁН МЕРАВӢ, ДАР АТРОФИ КӮҲ ҲАДДЕ ГУЗОР.
АГАР ОДАМОНИ ДИГАР БА ИН КӮҲ РАСАНД, МЕМИРАНД. МАН БА ТУ ДАҲ ФАРМУДА МЕДИҲАМ, КИ ОНҲОРО ТУ БОЯД БА МАРДУМ РАСОНӢ.
ХУРУҶ 19:7-25


ҒАЙР АЗ МАН,
ТУ НАБОЯД ХУДОЁНИ
ДИГАР ДОШТА БОШӢ.
БАРОИ ХУД БУТҲО НАСОЗ.
НОМИ ХУДОРО БЕҲУДА
БА ЗАБОН НАГИР.
РӮЗИ ШАНБЕРО
МУҚАДДАС ШУМОР.
ПАДАРУ МОДАРИ
ХУДРО ИЗЗАТ НАМО.
ОДАМКУШӢ НАКУН.
ЗИНО НАКУН.
ДУЗДӢ НАКУН.
ДАР ҲАҚҚИ ЁРИ ХУД
ГУВОҲИИ БАРДУРӮҒ
НАДЕҲ.
ЧИЗЕРО, КИ АЗ ОНИ
ЁРАТ АСТ, ТАМАЪ НАКУН.

ХУРУЧ 20:3-17


ХУДО ҲАМЧУНИН БА МУСО ҚОНУНҲОЕРО ДОД, КИ АДОЛАТРО БАРОИ ТАМОМИ ХАЛҚ МУҚАРРАР МЕНАМУДАНД.
ЗАРАРИ ҶИСМОНӢ.
“ҲАР КӢ КАСЕРО ЗАДА КУШАД, БИГЗОР КУШТА ШАВАД”.
“ВАЛЕ АГАР ВАЙ ҚАСДАН АМАЛ НАКАРДА БОШАД, МАН МАКОНЕ МУҚАРРАР МЕКУНАМ, ТО КИ ВАЙ БА ОН ҶО ГУРЕЗАД.
ҲИФЗИ МОЛИКИЯТ.
“АГАР КАСЕ ГОВЕ Ё ГӮСФАНДЕ ДУЗДАД, ВА ОНРО КУШАД Ё ФУРӮШАД, — БОЯД ДАР ИВАЗИ ГОВ ПАНҶ ГОВ, ВА ДАР ИВАЗИ ГӮСФАНД ЧОР ГӮСФАНД ДИҲАД”.
МАСЪУЛИЯТИ ИҶТИМОӢ.
“ҲЕҶ ЯК БЕВАЗАН ВА ЯТИМРО ФИРЕБ НАДЕҲ”.
“ВА ҒАРИБРО АЗОБ НАДЕҲ, ВА ӮРО БА ТАНГ НАОВАР, ЗЕРО ДАР САРЗАМИНИ МИСР ҒАРИБ БУДӢ”.
“ДАР РОҲИ БАД АКСАРИЯТРО ПАЙРАВӢ НАКУН”.
“ БА КАМБАҒАЛ ДАР МУРОФИАИ ВАЙ БЕАДОЛАТӢ НАКУН”.



ХУРУҶ 21-23:9


АЗБАСКИ ХУДО ҚУДДУС АСТ, Ӯ ҲАМЧУНИН БА ХАЛҚ ДАСТУРҲОРО ОИД БА ТАРЗИ ПАРАСТИШИ Ӯ ДОД ...
НА ГОВИ КАСАЛРО, БАЛКИ ФАҚАТ ГОВИ СОЛИМРО ҚУРБОНӢ КУНЕД.
БАР ОН РАВҒАН ВА ХУШБӮИҲО РЕЗЕД... ИН БӮЙИ ХУШ АСТ БАРОИ ПАРВАРДИГОР.
ХУДО ФАРМУДАҲОЕ БАРОИ СОЛИМ НИГОҲ ДОШТАНИ ОНҲО ДОД.
ДАР РӮЗИ ҲАШТУМ БАЧА БОЯД ХАТНА КАРДА ШАВАД.
Ӯ БОЯД АЗ ДИГАРОН ҶУДО НИГОҲ ДОШТА ШАВАД.
МӮЙҲО САФЕД ШУДААНД ВА ГӮШТИ ЗИНДАЕ ДАР ВАРАМ ПАЙДО ШУДААСТ – ИН БЕМОРИИ ДАВОМДОРИ ПӮСТ АСТ.
ШАНБЕҲОИ МАРО РИОЯ НАМОЕД, ВА МАКОНИ МУҚАДДАСИ МАРО ҲУРМАТ КУНЕД. МАН ПАРВАРДИГОР ҲАСТАМ.
ДАР МУРОФИА БЕИНСОФӢ НАКУНЕД, БА БЕЧОРА РӮЙБИНӢ НАНАМО ВА БА ШАХСИ БУЗУРГ ХУШОМАДГӮӢ НАКУН; ЁРИ ХУДРО АЗ РӮИ ИНСОФ ДОВАРӢ НАМО.
МУҚАДДАС БОШЕД, ЗЕРО МАН, ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ШУМО, ҚУДДУС ҲАСТАМ.


МУСО АЗ КӮҲ ФУРУД ОМАДА, БА ҲАФТОД НАФАР САРВАРОНИ ИСРОИЛ ФАРМУДАҲОИ ХУДОРО РАСОНД.
ИН ФАРМУДАҲОИ ХУБ МЕБОШАНД.
МУСО ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ХУДО ГУФТА БУД, БО ДИҚҚАТ НАВИШТ. РӮҲИ ХУДО БА Ӯ ЁРӢ ДОД, ТО БА ХАТОЕ РОҲ НАДИҲАД.
ХУДО БА МУСО ФАРМУД, КИ ҚУРБОНИИ ХУНИН ТАҚДИМ НАМОЯД ВА АЗ ХУНИ ОН БАР ХАЛҚ БИПОШАД.
ҲАМА ГУНОҲКОР БУДА, САЗОВОРИ МАРГ БУДАНД, ҲАТТО МУСО ВА ҲОРУН. АММО ХУДО РАҲМДИЛ БУД.
Ӯ РОҲИ ХАЛОСИРО ПЕШБИНӢ НАМУД. БО КУШТАНИ БАРРАИ БЕАЙБ ВА ХУНИ ОНРО БА ХАЛҚ ПОШИДА, ХУДО ГУНОҲҲОИ ОНҲОРО МЕПӮШОНД ВА ОНҲОРО, БАР ХИЛОФИ ОН ЧИ САЗОВОР БУДАНД, НАМЕКУШТ.
ҲАНГОМЕ КИ МУСО НАВИШТАНИ СУХАНОНРО БА ОХИР РАСОНД, Ӯ ХАЛҚРО ҶАМЪ КАРДА, СУХАНОНИ ХУДОРО БА ХАЛҚ ХОНД.
ҲАР ОН ЧИ ХУДО ГУФТААСТ, ХУБ АСТ, ВА МО БА ОН ИТОАТ МЕНАМОЕМ.
ҲАМИН ТАВР ХАЛЛИ ИСРОИЛ БО ХУДО АҲД БАСТ. Ӯ ОНҲОРО БАРАКАТ МЕДИҲАД, БА ОНҲО ҲАЁТ МЕБАХШАД, ВА АЗ ДУШМАНОНАШОН ХАЛОС МЕКУНАД, ВА ОНҲО БОЯД БА ҲАМАИ ФАРМУДАҲОИ Ӯ ИТОАТ НАМУДА, ДАР РОСТКОРӢ ҚАДАМГУЗОР БОШАНД.
АКНУН, КИ ГУНОҲҲОЯТОН ПӮШОНИДА ШУДААНД, ШУМО БО МАН БА БОЛОИ КӮҲ МЕРАВЕД ВА ҶАЛОЛИ ХУДОРО МЕБИНЕД.



ХУРУҶ 24:1-8


ҲАМИН ТАВР ҲАФТОД НАФАР САРВАРОНИ ИСРОИЛ АЗ ПАЙИ МУСО БА БОЛОИ КӮҲ РАФТАНД, КИ ДАР ОН ҶО ХУДО БО МУСО ГАП ЗАД.
НОГОҲ ДАР НАЗДИ ОНҲО ТАХТИ ХУДО НАМОЁН ШУД.
ҶАЛОЛИ ХУДО!
ХУДО МУСО ВА ЮШАЪРО ДАЪВАТ НАМУД, ТО БАР БОЛОИ КӮҲ БО Ӯ БОШАНД.
ТО ОМАДАНИ МО ДАР ИН ҶО ИНТИЗОР БОШЕД.
ҲОРУН ВА ҲУР БО ШУМО ҲАСТАНД; ҲАР КӢ ДАЪВО ДОШТА БОШАД, НАЗДИ ОНҲО ОЯД.
ҶАЛОЛИ ПАРВАРДИГОР БАР КӮҲИ СИНО ДАР НАЗАРИ ҚАВМ ЧУН ОТАШИ СӮЗАНДА БУД.
ВА МУСО ЧИЛ РӮЗ ВА ЧИЛ ШАБ БАР КӮҲ БУД.

ХУРУҶ 24:9-18



БИГУЗОР ХАЛҚ ХАЙМАЕ СОЗАД, КИ ДАР ОН МАРО ПАРАСТИШ КАРДА МЕТАВОНАД. ОН БОЯД ҚУРБОНГОҲ БАРОИ ҚУРБОНИҲО ДОШТА БОШАД, ВА ҚУДС, КИ ДАР ОН ҶО МАН СОЛЕ ЯК БОР БО САРКОҲИН ВОМЕХӮРАМ.
МАН БА ТУ МЕГӮЯМ, КИ ХАЙМАРО ЧӢ ТАВР БОЯД СОХТ. АҲЛИ ҚАБИЛАИ ЛЕВӢ КОҲИНОНИ МАН МЕШАВАНД, ВА ҲОРУН, ВА ПИСАРОНАШ ПАС АЗ Ӯ, САРКОҲИНОН МЕШАВАНД. ОНҲО БА ХАЛҚ РОСТКОРИРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАНД ВА ҲАНГОМЕ КИ МАРДУМ ГУНОҲ МЕКУНАНД, ОНҲО ҚУРБОНИҲО ТАҚДИМ МЕКУНАНД.
ХУДО БА МУСО ДУ ТАХТАИ САНГИН ДОД, КИ БО АНГУШТИ ХУДО БАР ОН ДАҲ ФАРМУДА НАВИШТА ШУДА БУДАНД.
ЯК ҲАФТА ПЕШ Ӯ ДАР ОТАШИ ОН КӮҲ ҒОИБ ШУД. ТО ИН ВАҚТ Ӯ ШОЯД АЛЛАКАЙ МУРДА БОШАД.
ҲА, МО ДАР ИН БИЁБОН ТО АБАД НИШАСТА НАМЕТАВОНЕМ.
БА МО ХУДОЕ ДАРКОР АСТ, ТО МОРО РОҲНАМОӢ КУНАД, ЧУНОН КИ МУСО МЕКАРД.
ҲОРУН БА ХОСТИ ХАЛҚ ПАЙРАВӢ НАМУДА, ДАР СОХТАНИ ХУДОИ ТИЛЛОӢ БА ОНҲО ЁРӢ ДОД.
ХУРУҶ 20:4; 25:8-9, 28:1-3, 32:1-4


ИН АСТ ХУДОИ ТУ, ЭЙ ИСРОИЛ, КИ ТУРО АЗ САРЗАМИНИ МИСР БЕРУН ОВАРД. ПАГОҲ МО ҚУРБОНИҲО ТАҚДИМ МЕКУНЕМ ВА ЯҲУВАРО ПАРАСТИШ МЕНАМОЕМ.
ҲОРУН ИН ҚАДАР АҲМАҚ БУД. Ӯ МЕДОНИСТ, КИ ИН ҲАЙКАЛ ХУДО НЕСТ, АММО Ӯ АЗ ХАЛҚ МЕТАРСИД.


МАРДУМ БА ГӮСОЛАИ ТИЛЛО ҚУРБОНИҲОИ СӮХТАНӢ ТАҚДИМ НАМУДАНД ВА БА АЙШУ НӮШ ДОДА ШУДАНД.
ХУДО БА МУСО СУХАН РОНДА, ГУФТ: “ЗУД ФИРУД ОЙ. МАРДУМ БА ГУНОҲИ АЗИМ ДОДА ШУДААНД. ОНҲО ДАР НАЗДИ БУТ МЕРАҚСАНД ВА ПАРАСТИШ МЕКУНАНД. МАН БОЯД ҲАМАИ ОНҲОРО НОБУД КУНАМ. ДИЛҲОИ ОНҲО САХТ АСТ. ОНҲО ДАР РОСТКОРӢ ҚАДАМГУЗОР НЕСТАНД”.
*ГӮСОЛАРО ПАРАСТИШ НАМУДА, ИСРОИЛИЁН СЕ ФАРМУДАИ АВВАЛРО, КИ ХУДО БА ОНҲО ДОДА БУД, ВАЙРОН КАРДАНД.




ХУРУҶ 20:3-4; 32:15-20


ИН ҚАВМ БА ТУ ЧӢ КАРДА БУДАНД, КИ БАР ОНҲО ГУНОҲИ АЗИМЕ ОВАРДӢ?
БАР МАН ХАШМ НАГИР – ТУ ИН ҚАВМРО МЕШИНОСӢ, КИ БА БАДКОРӢ ОМӮХТА ШУДААНД.
ҲАР КӢ БА ТАРАФИ ЯҲУВА БОШАД, НАЗДИ МАН ОМАДА ДАР БАРИ МАН ИСТАД. ҲАР КӢ ХУДОЁНИ МИСРРО ПАРАСТИШ КАРДАНӢ БОШАД, ДАР ҶОЯШ ИСТАД.
МО ХУДОИ ИБРОҲИМ, ИСҲОҚ ВА ЯЪҚУБРО ПАЙРАВӢ МЕКУНЕМ.
АКНУН ШАМШЕРҲОИ ХУДРО ГИРИФТА, ҲАМАИ КАСОНЕРО, КИ БУТҲОРО ПАРАСТИШ МЕКУНАНД , КУШЕД.
3,000 БУТПАРАСТ ВА ЗИНОКОР ДАР ОН РӮЗ КУШТА ШУДАНД.
SLICE
НЕЕЕ!
ЭЭҲ!
ХУРУҶ 32:26-28


МУСО БА БОЛОИ КӮҲ РАФТ, ВА ХУДО БОРИ ДИГАР ДАҲ ФАРМУДАРО БАР ДУ ЛАВҲАИ САНГИН НАВИШТ.
ВАҚТЕ КИ ШУМО ГУНОҲ КАРДЕД, ХУДО БА МАН ГУФТ, КИ МЕХОҲАД ҲАМАИ ШУМОРО КУШАД. АММО МАН БАРОИ ШУМО ХОҲИШ КАРДАМ, ВА Ӯ РОЗӢ ШУД ГУНОҲИ ШУМОРО ДУР КУНАД. ЯҲУВА ҲАҚИҚАТАН РАҲМДИЛ ВА БАХШАНДА АСТ.
ХУДО ОИД БА СОХТАНИ ХАЙМАИ ВОХӮРӢ ДАСТУРҲО ДОДААСТ. Ӯ ДАР ОН ҶО БО МО ВОМЕХӮРАД. АЗБАСКИ ҲАМАИ МО ГУНОҲКОРЕМ, ХУДО РОҲЕРО ОМОДА НАМУДААСТ, КИ БА ВОСИТАИ ОН БА Ӯ НАЗДИК ОМАДА МЕТАВОНЕМ.
ЛЕВИЗОДАГОН ҲАР РӮЗ ҚУРБОНИҲОИ ХУНИН ТАҚДИМ МЕКУНАНД. СОЛЕ ЯК БОР, ХУН БАР САНДУҚИ АҲД ГУЗОШТА МЕШАВАД. ҲАНГОМЕ ХУДО ХУНРО БАР САНДУҚИ АҲД МЕБИНАД, ГУНОҲҲОИ МОРО ДУР МЕКУНАД. ИН РОҲИ ИЛОҲӢ БАРОИ БАХШИДА ШУДАН АСТ.
ХАЙМАИ ВОХӮРӢ СОХТА ШУД, ВА КОҲИНОН БА ОВАРДАНИ ҚУРБОНИҲОИ ҲАРРӮЗА САР КАРДАНД. ҲАНГОМЕ КИ ХУДО ИМОНИ ОНҲОРО ДИД, Ӯ ГУНОҲҲОЯШОНРО ДУР КАРД.
ХУРУҶ 34:28-32



БО ВУҶУДИ ҲАМАИ ОН ЧИ ХУДО ДАР КӮҲИ СИНО КАРДА БУД, МАРДУМ АЗ БОИСИ ДУШВОРИҲОИ ХУД ҒУР-ҒУР ВА ШИКВА КАРДАН ГИРИФТАНД.
ИН ҚАДАР ВАЪДАҲО ДАР БОРАИ ОН КИ ПАРВАРДИГОР ХУДО БО МО МЕРАВАД.
МО НАМЕДОНЕМ, КИ КАЙ ОБ ХОҲЕМ ДОШТ – БА ЗУДӢ ҶАСАДҲОИ ҲАМАИ МО ДАР ИН БИЁБОНИ ХАРОБАИ БЕОДАМ ХОҲАНД АФТИД.
МО ҲЕҶ ГОҲ…
ЭЙ ВОЙ!
МУСОРО ҶЕҒ ЗАНЕД!
МУСО, МУСО – ОМАДА, МОРО НАҶОТ ДЕҲ! ОТАШ АЗ ОСМОН БАР БОШИШГОҲИ МО АФТОДА ИСТОДААСТ!
ВАҚТЕ КИ МУСО СӮИ ПАРВАРДИГОР ДУОВУ ИЛТИҶО КАРД, ОТАШ ХОМӮШ ШУД, АММО КАНОРИ БОШИШИГОҲ АЗ БОИСИ ШИКВАИ МАРДУМ СӮХТ.
ВА ОН МАКОН ТАБЪИРА НОМИДА ШУД (ҶОИ СӮХТА).


БАЪЗЕҲО ДАР ХУСУСИ ХӮРОКЕ КИ ХУДО БА ТАВРИ МУЪҶИЗАОСО МУҲАЙЁ МЕНАМУД, ШИКВА КАРДАН ГИРИФТАНД.
ИН МАНН БА ДИЛАМ ЗАДААСТ.
ҲАР РӮЗ МО БАРОИ ҶАМЪ ОВАРДАНИ ОН МЕБАРОЕМ ВА ҲАР РӮЗ – ҲАМОН ЯК ЧИЗ.


МАРДУМ ОНРО АЗ ЗАМИН МЕЧИДАНД ВА ОРД МЕКАРДАНД, ВА БАЪД МЕҶӮШОНДАНД, СИПАС АЗ ОН ЧАЛПАК МЕКАРДАНД – МАЗАИ ОН ЧУН МАЗАИ ЧАЛПАКИ ДАР РАВҒАНИ РАСТАНӢ БИРЁНШУДА БУД. [1]
[1] МАНН ДАР ДАВОМИ ШАБ ЧУН ШАБНАМ МЕБОРИД.


ОҲ, КОШКӢ КАМЕ ГӮШТ МЕХӮРДЕМ! КОШКИ КАМЕ АЗ МОҲИИ БОЛАЗЗАТ, КИ ДАР МИСР ОН ҚАДАР БИСЁР БУД, МЕХӮРДЕМ.
ВА БОДИРИНГ, ВА ХАРБУЗА, ВА ТАРА, ВА ПИЁЗ, ВА СИРПИЁЗ!
ВА АКНУН ҚУВВАТИ МО РАФТААСТ, ВА ҲАР РӮЗ ФАҚАТ ИН МАНН ПЕШИ ЧАШМОНИ МОСТ!
МУСО ШУНИД, КИ МАРДУМ НАЗДИ ДАРИ ХАЙМАИ ХУД ИСТОДА ШИКВА МЕКУНАНД, ВА Ӯ ХЕЛЕ ХАШМГИН ШУД.
...ВА ХАШМИ ХУДО АЛАНГА ГИРИФТА БУД.


МАН АЗ ЧӢ ҶИҲАТ ДАР НАЗАРАТ МАРҲАМАТ НАЁФТАМ, КИ ТУ БОРИ ЧУНИН ХАЛҚРО БА ДӮШИ МАН ГУЗОШТАЙ?
ОЁ ОНҲО ФАРЗАНДОНИ МАНАНД? ОЁ МАН ПАДАРИ ОНҲОЯМ?
АЗ ЧӢ САБАБ МАН БОЯД ОНҲОРО ТО ВАҚТИ БА ЗАМИНИ ВАЪДАШУДА РАСИДАН ЧУН КӮДАКОН НИГОҲУБИН КУНАМ?
МАН БА ТАНҲОӢ БОРИ ТАМОМИ ИН ХАЛҚРО БАРДОШТА НАМЕТАВОНАМ! БОР Х ЕЛЕ ВАЗНИН АСТ!
МОДОМЕ КИ ТУ БО МАН ЧУНИН РАФТОР МЕНАМОЙ, БЕҲТАР АСТ, КИ МАРО КУШӢ.
ҲАФТОД НАФАР АЗ САРВАРОНИ ИСРОИЛРО НАЗДИ МАН ДАЪВАТ КУН; ОНҲОРО НАЗДИ ХАЙМАИ ВОХӮРӢ БИЁР, ТО КИ ДАР ОН ҶО БО ТУ ИСТАНД. ВА МАН ФУРУД ОМАДА, ДАР ОН ҶО БА ТУ СУХАН МЕРОНАМ.
ВА АЗ РӮҲЕ КИ БАР ТУСТ, ГИРИФТА БАР ОНҲО МЕГУЗОРАМ;
ОНҲО БО ТУ БОРИ ИН МАРДУМРО МЕБАРДОРАНД, ВА ТУ ТАНҲО НАМЕБАРДОРӢ.


БА МАРДУМ БИГӮЙ, КИ ХУДРО ПОК НАМОЯНД – ЗЕРО ПАГОҲ ОНҲО ГӮШТ ХОҲАНД ДОШТ, ТО БИХӮРАНД.
БА ОНҲО БИГӮЙ, КИ МАН ҲАМАИ ШИКВАҲОИ ОНҲОРО ШУНИДААМ.
НА ЯК РӮЗ ХОҲЕД ХӮРД, ВА НА ДУ РӮЗ, ВА НА ПАНҶ РӮЗ, ВА НА ДАҲ РӮЗ, ВА НА БИСТ РӮЗ!
ТАМОМИ МОҲ ГӮШТ ХОҲЕД ХӮРД, ТО ДАМЕ КИ ОН АЗ БИНИИ ШУМО БАРОЯД – ЧУНКИ ПАРВАРДИГОРРО, КИ ДАР МИЁНИ ШУМОСТ, РАД КАРДЕД.
ОНҲО 600 000 НАФАР МЕБОШАНД, ҒАЙР АЗ ЗАНОН ВА КӮДАКОН – ВА ТУ БА ОНҲО ВАЪДА МЕДИҲӢ, КИ ЯК МОҲИ ПУРРА ГӮШТ ХОҲАНД ХӮРД!
АГАР МО ҲАМАИ РАМАҲО ВА ПОДАҲОИ ХУДРО КУШЕМ ҲАМ, БАРОИ ОНҲО КИФОЯ НАХОҲАД БУД!
БАРОИ ИҶРО КАРДАНИ ВАЪДАИ ТУ ҲАМАИ МОҲИҲОИ УҚЁНУСРО САЙД КАРДАН ДАРКОР АСТ!
КАЙ МАН НОТАВОН БУДАМ?
АКНУН ТУ ХОҲӢ ДИД, КИ ОЁ ГУФТАИ МАН АМАЛӢ МЕШАВАД Ё НЕ!


ПАС АЗ ОН КИ МУСО ҲАМАИ ИН СУХАНОНРО БА ХАЛҚ РАСОНД, Ӯ ҲАФТОД НАФАР ПИРОНРО ДАЪВАТ НАМУД.
ВА ПАРВАРДИГОР АЗ РӮҲЕ КИ БАР МУСО БУД, ГИРИФТА, БАР ҲАФТОД НАФАР ПИРОН ГУЗОШТ.
ВА ҲАНГОМЕ КИ РӮҲ БАР ОНҲО ҚАРОР ГИРИФТ, МУДДАТЕ ПАЙҒАМБАРӢ КАРДАНД.
ДУ НАФАР АЗ ПИРОН ДАР БОШИШГОҲ МОНДАНД, ВА ҲАНГОМЕ КИ БАР ОНҲО НИЗ РӮҲ ҚАРОР ГИРИФТ, ДАР БОШИШГОҲ ПАЙҒАМБАРӢ КАРДАНД.
МАН БОЯД ДАР ИН БОРА БА МУСО ХАБАР РАСОНАМ.
ОН ДУ ШАХС ПАЙҒАМБАРӢ КАРДАНД ВА ОНҲО БО ТУ НАБУДАНД.
ОЁ ТУ БАРОИ МАН РАШК МЕБАРӢ?
МАН ФАҚАТ МЕХОҲАМ, КИ ТАМОМИ ҚАВМИ ПАРВАРДИГОР ПАЙҒАМБАРОН БОШАНД, ВА ПАРВАРДИГОР РӮҲИ ХУДРО БАР ҲАМАИ ОНҲО РАВОНА КУНАД!


ОН ШАБ ПАРВАРДИГОР БОДЕ ФИРИСТОД, КИ БЕДОНАҲОРО АЗ ҶОНИБИ БАҲР ОВАРД.
ДАР МАСОФАЕ КИ ШАХС ДАР ЯК РӮЗ ТАЙ КАРДА МЕТАВОНАД, БЕДОНАҲО ДАР БАЛАНДИИ 2 ОРИНҶ ПАРВОЗ МЕКАРДАНД.
БЕДОНАҲО ОН ҚАДАР БИСЁР БУДАНД, КИ ҲАР КАС НА КАМТАР АЗ 10 ҲӮМЕР ҶАМЪ КАРД.
НИҲОЯТ – ГӮШТ!
МАН ТО ПУХТАНИ ИН САБР КАРДА НАМЕТАВОНАМ!
АММО ҲАНГОМЕ КИ МАРДУМ ГӮШТ МЕХӮРДАНД, ХАШМИ ПАРВАРДИГОР БАР ОНҲО АЛАНГА ЗАД, ВА Ӯ МИҚДОРИ ЗИЁДИ ОНҲОРО БО ВАБО КУШТ.
ОН МАКОН “ҚАБРҲОИ ҲАВАСБОЗОН” НОМИДА ШУД, ЗЕРО ДАР ОН ҶО КАСОНЕ КИ ҲАВАСИ ГӮШТ ВА МИСР КАРДАНД, БА ХОК СУПУРДА ШУДАНД.
ВА АЗ ОН ҶОЙ БА ҲАСИРУТ КӮЧ КАРДАНД, ВА ДАР ОН ҶО ХАЙМА ЗАДАНД.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."





# SUPERBIBLE.TV